**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълими 7)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи доктории Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи "Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) як низоми эътирофшудаи баҳисобгирии муҳосибӣ мебошанд, ки истифодаи онҳо имкон медиҳад, ҳисоботи молиявӣ то ҳадди имкон боэътимод бошад ва фаъолияти самараноки баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ таъмин гардад. Тартиб додани ҳисоботи молиявии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар доираи СБҲМ шарти муҳими раванди баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ маҳсуб ёфта, роҳи асосии расидан ба ҳадафҳо ва манфиатҳои иқтисодии корхонаву ташкилотҳо маҳсуб меёбад. Чунки ҳангоми ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин истифодаи СБҲМ дар амалияи баҳисобгирии субъектҳои хоҷагидорӣ густариши муносибатҳои иқтисодӣ байни субъектҳои хоҷагидорӣ амалӣ гардида, масъалаи ҳамоҳангсозии ҳисоботи молиявӣ бо принсипҳо ва қоидаҳои байналмилалӣ ҳалли худро меёбад.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия ба масъалаи заминаҳои таърихӣ ва асосҳои илмии баҳисобгирии муҳосибӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, қайд намудааст, ки заминаҳои таърихӣ ва асосҳои илмии баҳисобгирии муҳосибӣ аз оғози ташаккулёбии он ҳамчун илм доимо мавриди диққат ва омӯзиш қарор гирифта буд . Вале то имрӯз ҷанбаҳои таърихии пайдошавии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ пурра ба таҳқиқ фаро гирифта нашудаанд, равишҳои консептуалии ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар низомҳои хоҷагидорӣ ба як шакли мукаммал оварда нашудаанд (саҳ.14-15).

Қайд гардидааст, ки равандҳои ҳамгироии иқтисодии ҷаҳонӣ нигоҳи навро ба моҳият ва нақши баҳисобгирии муҳосибӣ талаб менамоянд. Акнун баҳисобгирии муҳосибӣ на чун амали техникии барои ташкили назорати фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ зарурӣ, балки чун воситаи муҳимми иртибот дар муҳити тиҷоратии густурда ва доираи зиёди иштирокчиён ва манфиатдорони натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дарк карда мешавад (саҳ.16).

Муаллиф дар ҷадвали 1-2 мафҳумҳои "ҳамоҳангсозӣ" ва "стандартонӣ"-ро таҳқиқ намуда, нигоҳи олимони ватанӣ ва хориҷиро гирд оварда, вобаста ба ин хулосаву пешниҳодҳои худро асоснок намудааст (саҳ.17-18).

Диссертант дар расми 1 унсурҳои таъминоти иттилоотии идоракуниро таҳия намуда, қайд намудааст, ки самтҳои методологии табдили усулҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибиро ҳамчун манбаи иттилоотии қабули қарорҳои идоракунӣ ба назар гирифта, бояд вазифаи пешбари баҳисобгирии муҳосибиро дар муҳити иқтисодии корхона муайян кард. Яъне вазифаи иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ пешбинӣ менамояд, ки низоми баҳисобгирии муҳосибӣ бояд ба истифодабарандагони манфиатдор иттилооти зарурии саҳеҳро барои қабули қарорҳои идоракунӣ таъмин кунад (саҳ.19-20).

Дар расми 6 тафсири намудҳои баҳисобгирӣ тавассути мафҳуми «хароҷот» дар низоми ҳамгирои баҳисобгирии муҳосибӣ аз тарафи муаллиф таҳия гардида, қайд гардидааст, ки вазифаҳои назоратии баҳисобгирии муҳосибӣ метавонанд бо натиҷанокӣ ва самаранокии бештар дар шакли аудити дохилӣ ва ревизияи баҳисобгирии фаврӣ ба ҷо оварда шаванд. Зимнан, ҳар як намуди баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ ва андоз) мувофиқи вазифаи функсионалии худ таҳлили муқоисавии хароҷотро пеш мебарад (саҳ.32).

Дар автореферат қайд гардидааст, ки таъмини эҳтиёҷи сармоягузорон бо иттилооти зарурӣ оид ба фаъолияти корхонаҳое, ки сармоя ба онҳо сафарбар карда мешавад (иттилоот оид ба дороиҳо ва уҳдадориҳо) омили аввалиндараҷае мебошад, ки муҳтавои стандартҳои байналмилалиро муайян мекунад (саҳ. 35).

Дар баробари ҳаммаи ин комёбиҳо ба назари мо автореферат дорои якчанд камбудиҳо низ мебошад, ки ба онҳо дохил мешаванд:

1. Дар автореферат манфиатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ мушаххасан асоснок нагардидааст.

2. Хуб мебуд агар муаллиф муаммоҳои ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибиро мушаххасан пешниҳод менамуд.

Дар маҷмуъ норасоиҳои ошкоршуда, сифати аслии кори таҳқиқотии анҷомдодашударо коста намегардонад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия» кори мустақиман анҷом дода шуда арзёбӣ гардида, ба бандҳои марбути соҳаи илмии шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мутобиқат карда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

**Муқарриз,**
**доктори иомлҳои иқтисодӣ, профессор**
**Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** **Шариф Раҳимзода**

(Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯчаи С. Айнӣ 44. E-mail: info@ied.tj ; Тел: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65)

Имзои д.и.и., профессор Шариф Раҳимзодаро тасдиқ менамоям:

**Инспектори калон оид ба кадрҳои Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** **Қурбонов Э.Т.**